Ба Шӯрои диссертатсионии **6D.КОА–014** дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (суроға: 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146) (www.tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи "Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 яке аз афзалиятҳои минбаъдаи рушд «дар комплекси агросаноатӣ, тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар» муайян шудааст. Барои ноил гаштан ба ин ҳадафҳо ислоҳоти минбаъдаи соҳаи аграрӣ дар мамлакат барои ташкили шароитҳои зарурии иҷтимоию иқтисодӣ ва заминаҳои институтсионалии рушди фаъолияти соҳибкории аграрӣ, сурат гирифта истодааст. Зеро маҳз рушди соҳибкории аграрӣ қодир аст, ки технологияҳои инноватсиониро дар соҳаҳои кишоварзӣ татбиқ намуда, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро истеҳсол намояд.

Аз автореферат бармеояд, ки унвонҷӯй таҳаввулот ва рушди назарияҳои мухталифро доир ба соҳибкорӣ ва моҳияту таснифи он мавриди таҳқиқи назариявӣ қарор додааст. Пайваста бо низомбандии муайянии мафҳуми соҳибкорӣ, ки дар адабиёти иқтисодии ватаниву хориҷӣ мавҷуд аст, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки, пеш аз ҳама, соҳибкориро (дар муқоиса ба замин, сармоя, меҳнат) чун омили махсуси истеҳсолоти ҷамъиятӣ баррасӣ намудан лозим аст (саҳ. 9). Муаллиф барои такмили механизми рушди соҳибкории аграрӣ дар диссертатсия раванди ташаккул ва рушди соҳибкории аграриро дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Амрикои шимолӣ мавриди омӯзиш қарор додааст (саҳ. 10). Нақш ва аҳамияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки дар афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва фурӯши маҳсулоти бехатар бо таҳлилҳои фарогир, асоснок карда шудааст ( саҳ 11).

Ба ақидаи диссертант танзим ва дастгирии давлатии соҳаҳои кишоварзӣ, агар аз як тараф, ба ҳаётан муҳим будани ин соҳа чун омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ва сарчашмаи ягонаи истеҳсоли озуқа вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба хавфнокии зиёди истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамоно аз

таъсири омилҳои табиию иқлимӣ осебпазиранд. Ин омилҳо, дар навбати худ, хусусияти мавсимии равандҳои истеҳсолии бисёр бахшҳои кишоварзӣ алоқаманд мебошанд, асосан соҳаи растанипарварӣ. Онҳо инчунин хусусиятҳои истеҳсолию технологӣ ва иҷтимоию иқтисодиро, ки дар хоҷагии қишлоқ ҷараён мегиранд, муайян менамоянд (саҳ. 19).

Новобаста аз дастовардҳои дар автореферат дарҷ гардида, инчунин баъзе камбудиҳо ва пешниҳодҳо барои бо ҳам хубтару беҳтар намудани мазмун ва муҳтавои он низ пешниҳод гардидаанд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Дар диаграммаи 1 саҳифаи 15 ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар иҷроиши даромаднокии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2014 – 2020 бо ҳисоби фоиз оварда шудааст, ки дар соли 2020 назар ба соли 2014 ба андозаи 0,9% коҳиш ёфтааст, аммо диссертант сабабҳои коҳишёбӣ ва роҳҳои баландбардории онро таҳлил ва пешниҳод накардааст;
2. Мавзӯи диссертатсия дар сатҳи ҷумҳурӣ интихоб гардидааст. Аммо, мутаассифона диссертант танҳо аз маълумотҳои агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст, ки ин барои муайян кардани рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ нокифоя аст. Беҳтар мешуд, ин нишондиҳандаҳо интихобан аз хоҷагиҳои деҳқонии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешуданд.

Аммо дар маҷмӯъ, қайд кардан ҷоиз аст, ки камбудиҳои оварда шуда он қадар ҷиддӣ набуда арзиши назариявию методологӣ ва амалии диссертатсияро қоҳиш намедиҳад.

Бо дар назардоштаи гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи илмии Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи рисола Иброҳимзода Одилхон Юлдош барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
**профессор, муовини директори**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** **Мирсаидов А.Б.**

*Институти иқтисодиёт ва демография 734024 ш.. Душанбе, х. Айни, 44. Тел. (992 37) 221-67-50, факс (992 37) 221-57-65, e-mail: eco_institute@rambler.ru*

Имзои Мирсаидов А.Б.-ро тасдиқ мекунам
Инспектори калони шкк Э. Курбонов.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ